**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович дар мавзӯи «Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X – нимаи аввали асри XI» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 – Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ, бахшида шудааст.**

Шоистаи таъкид аст, ки дар илми адабиётшиносии муосири миллӣ як шохаи дигар бо номи «Адабиёти арабизабони форсу тоҷик» ба хотири эҳёи таърихи гаронмояи миллати тоҷик боз ҳам равнақ меёбад. Дар ин ҷода муҳаққиқони ҷавон аз умқи сарчашмаҳои қадим муҳимтарин ахбори илмиву таърихӣ ва адабиро берун оварда, саҳми фарзандони миллати шарафмандамонро дар рушди адабиёти арабизабон маълуму машҳур мегардонанд.

Рисолаи номзадии Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович дар мавзӯи «Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X – нимаи аввали асри XI» далели равшани ҳамин гуфтаҳо буда, дар муаррифии як хонадони арҷманди тоҷиктабор, ки аслашон ба Деваштичи диловар мепайвандад, арзиши баланди илмӣ дорад. Қабл аз шарҳи муҳтавои фаслу бобҳо ва равиши тадқиқотии диссертант ҳаминро бояд афзуд, ки сохтору мундариҷаи он мазмунан бисёр қавӣ ва устувор буда, риояи силсилаи афкору мабоҳис далели бебаҳси муваффақиятҳои Холов Н.Ё. ба шумор меравад.

Аз сӯйи дигар, мавзӯи мавриди назари муҳаққиқ ба ғайр аз мақолаи энсиклопедии профессор Низомиддин Зоҳидӣ аз ҷониби ягон шарқшинос ё суханшиноси дигари тоҷик омӯхта нашудааст. Агар аз як тараф ҳамин ноомӯхтагӣ майдони таҳқиқро барои диссертант фарох гардонида бошад, аз дигар ҷониб боқӣ намондани девони Абулфазли Миколӣ, зиёд набудани ахбори илмиву таърихӣ ва адабӣ дар роҳи ҳалли мавзӯъ барои муаллифи пажӯҳиш мушкилиҳо низ пеш овардааст.

Рисолаи Холов Н.Ё. аз се бобу ҳашт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, бар мабнои банду баст ва таҳқиқи дурусти мавзӯоти меҳварии диссертатсия дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик як саҳифаи тозаи илм боз гардидааст.

Дар муқаддима баробари анҷоми сайри кӯтоҳи тадқиқи мавзӯъ, инчунин тадқиқоти ҳамгуни марбут ба ҳавзаи илмии адабиёти арабизабони форсу тоҷик, бавижа, корҳои пажӯҳишии муҳаққиқон дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди ташреҳи мухтасар қарор гирифтааст.

Боби аввали «Муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Нишопур дар замони Абулфазли Миколӣ» ном дошта, дар се фасл масъалаҳои вазъи сиёсиву иҷтимоии Хуросон дар асрҳои X-XI, доираи адабии Нишопур ва рушду нумӯи адабиёти арабизабон дар ин шаҳр, инчунин саҳми Миколиён дар пешбурди шеъру адаб ва гиромидошти аҳли сухан мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Нахуст, муҳаққиқ бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои зиёд перомуни фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмиву адабии шаҳри Нишопур дар асрҳои X-XI мулоҳиза ронда, бо далели фаровон аз вусъати имконоти ин маркази адабиёту тамаддуни халқҳои ориёинажод сухан мегӯяд. Диссертант бо услуби хос оид ба ободиву сохтмонҳои бузург, мадрасаву масоҷид, дину ойин, бозору тиҷоратгоҳҳо, қасру биноҳо, ҷашнҳои миллии Наврӯзу Меҳргон ва мазҳабу маслаки аҳли илму ирфон ин аҳд, ки худ аз хоки поки Нишопур бархоста ва ё барои камолоти маънавӣ ин сарзаминро Ватан ихтиёр карда буданд, ахбори муҳимро ёдрас мешавад.

Дар маҷмӯъ, муаллиф ба тариқи фишурда, вале бисёр рангину пурмазмун таърихи Нишопури он замонро рӯйи коғаз меоварад, ки арзиши баланди илмиву таърихӣ дорад.

Диссертант дар хусуси доираи адабии Нишопур сухан гуфта, чунин меафзояд: «Дар рушди Нишопур ба унвони як маркази илмиву адабӣ нақши хонадони Миколиён ва хоссатан Ҳасан ибни Муҳаммад

Миколии маъруф ба Амир Ҳасанак, Абӯнасри Миколӣ ва писараш Абулфазли Миколӣ, ки раёсати шаҳрро ба уҳда доштанд, хеле бузург буд» (саҳ.27). Аз ин нукта бармеояд, ки барои умрону ободии ҳамаҷиҳатаи шаҳр ва ба «дор-ул-улум» ё «маҷмаи аҳли илму адаб» шуҳрат пайдо кардани Нишопур Миколиён нақши муассир доштаанд. Равшан мегардад, ки маҳз бо хидмати бедареғи Миколиён бузургтарин шуарои аҳд аз билоди гуногуни Хуросон ба Нишопур омада, дар канори аҳли адаби ин макон ҷиҳати пешбурди адабиёти форсизабону арабизабон саҳм мегузоштаанд. Барои тасдиқи ин даъво рисоланавис аввал ахбори мухтасари 27 шоири маъруфи нишопуририро, ки Саолибӣ дар боби даҳуми китоби «Ятимат-уд-даҳр»-и худ зикр кардааст, меоварад. Ин суханварон ҳамагӣ ба доираи адабии Нишопури замони Абулфазли Миколӣ ворид будаанд.

Илова бар ин, муҳаққиқ бо такя ба асноди боби нуҳуми ҷилди чаҳоруми китоби ёдшудаи Саолибӣ дар хусуси 17 тан шоиру адиби маъруфе, ки аз дигар шаҳру диёр ба доираи адабии Нишопур пайваста будаанд, изҳори назар менамояд.

Аз ҷустуҷӯҳои илмии Холов Н.Ё. аён мешавад, ки Саолибии Нишопурӣ «Татиммае», ки бар китоби «Ятимат-уд-даҳр» навиштааст, боз бо зикри намунаи осор аз ҳастии даҳҳо эҷодкори дигари машҳур дар ин шаҳри қадими ниёгони мо хабар медиҳад.

Маълумоти доир ба мавзӯоти назму наср ва жанрҳои адабии маъруф дар ин аҳд овардашуда низ моҳияти аслии мавзӯъро такмил додаанд.

Дар диссертатсия саҳми Миколиён дар пешбурди адабиёт ба таври шоиста тадқиқ шудааст. Сарҳалқаҳои адибони ин хонадон Ҳасан ибни Муҳаммад Микол, мулаққаб ба Сайид-ул-куффоҳ ва маъруф ба Амир Ҳасанаки Миколи Нишопурӣ (кушташуда дар соли 1031) ва Абӯнаср Аҳмад ибни Абулқосим Алӣ ибни Исмоили Миколӣ (вафоташ пеш аз соли 1025 милодӣ) будаанд. Аз дунболи Абӯнасри Миколӣ

писаронаш Абулфазли Миколӣ, Абӯиброҳими Миколӣ ва пасовандони дигар роҳи обову аҷдодро идома додаанд.

Боби дуюми тадқиқот «Рӯзгор ва осори Абулфазли Миколӣ» унвон дошта, аз фаслҳои «Зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ» ва «Осори мансуру манзуми адабӣ ва бадеии Абулфазли Миколӣ» иборат аст.

Баррасиҳои фасли нахустини ин боб аз ҷустуҷӯи решаи аҷдоди Миколиён шурӯъ мегардад. Диссертант дар асоси маълумоти манбаъҳои таърихӣ аз нуфузи ин хонадон дар замони хилофати Аббосиён ва давлати Тоҳириён ёд карда, номи чанд тан аз ин бузургмардонро меоварад. Маълум мегардад, ки кулли Миколиён аҳли расоил, нависанда, фақеҳ, муҳаддис ва шоир будаанд. Дар ин маврид бозёфти Холов Н.Ё. бар асоси ёдкарди сарчашмаҳо ба Қаҳрамони халқи тоҷик – Деваштич пайвастани аслу мабдаи ирқиву хунии Миколиён аст, ки дар ин фасли рисола ба он ишора мешавад: «Агар ба иттилои сарчашмаҳои фавқуззикр бовар кунем, пас маълум мешавад, ки писарони Деваштич баъди марги падари хеш аз Мовароуннаҳр берун шуда, ниҳоят пасовандонашон баъди сад сол боз ба садорат расиданд» (саҳ.66).

Дар рисола зиндагинома ва осори Абулфазли Миколӣ ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муҳаққиқ баробар бо девони ашъор дар хусуси 10 асари дигари ин адибу сиёсатмадори номдор мулоҳиза рондааст. Ӯ тадқиқ намудааст, ки аз осори Миколӣ бархе боз монда ва қисме аз байн рафта, танҳо аз онҳо ном боқӣ монда бошад ҳам, дар манобеи қадим доир ба муҳтаво ва мундариҷаи онҳо иттилои муҳим ба даст меояд. Аз девони шоир 618 байт боқӣ мондааст ва маводи адабии ба таҳқиқ кашидаи унвонҷӯ ҳам дар заминаи ҳамин мерос сурат гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои маъноӣ ва ҳунарии осори Абулфазли Миколӣ» номида шуда, шомили се фасл аст. Дар ин боб, ки асосан ба поэтика ва ҳунари нигориши Абулфазли Миколӣ бахшида шудааст, масъалаҳои анвои шеърӣ, мавзӯву мундариҷаи ашъор, шеваҳои

корбурди санъатҳои бадеӣ ва сабки эҷодии ин суханвар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бо таъаммул ба мазмуни ашъори Абулфазли Миколӣ диссертант мавзӯоти ашъори ӯро ба ишқ, васфи табиат, панду ҳикмат, марсия, зуҳдиёт, танқиди замона, дӯстиву ситоиши дӯстон, ифтихор аз нажоду ашрофият, мазаммати ахлоқи зишт ва дигар мавзӯъҳо ҷудо намуда, сипас ба таҳлили хусусиятҳои ҳунари шоир дар баёни ин паҳлӯҳои эҷодиёти ӯ пардохтааст. Масалан, вақте ашъори ишқии Абулфазли Миколӣ тадқиқ мешавад, камоли эҷодии ӯ ҳамчун шоири лирик, тараннумгару васcоф ва тасвирпардози боистеъдод зоҳир мегардад. Диссертант бо таҳлили намунаҳои шеърӣ нишон медиҳад, ки шоир эҳсосоту ҳаяҷон ва муҳаббати беандозаи ошиқро бо маъшуқ бо назокат рӯйи қоғаз меоварад. Ба таъбири дигар, чун сухан аз ишқ рафт, ӯ аз дигар касеву чизе дигар сухан намегӯяд ва гӯё лафзу тасвири берун аз ишқ ҳусни мусаввараи ӯро коҳиш медиҳад.

Дар ашъори андарзӣ низ ҳамин равиш эҳсос мешавад ва шоир ҳамчун ҳакими доно ва аз ҳикмати рӯзгор огоҳ пайваста риояи ростиву росткориро таъкид мекунад. Дар баробари талқини амалҳои хайр ин нуктаро низ ёдовар мешавад, ки на ҳар некӣ бо некӣ подош мегирад. Абулфазли Миколӣ ҳақиқати ҳаётро бо забони шеър иброз медорад, вақтро ғанимат мешумарад, айёми ҷавониро азиз медонад ва ҳар чӣ хуб аст меситояд ва ҳар чӣ бад, мазаммат менамояд.

Бояд хотирнишон сохт, ки соҳиби рисола румузи ашъори Абулфазли Миколиро ба дурустӣ шинохтааст. Инро шарҳу таҳлили абёти мунтахаб ва кашфи мазмунҳои зоҳириву таҳтонии онҳо зоҳир мекунанд. Муҳаққиқ забони зуҳд ва васфро хеле огоҳона аз ҳам имтиёз менамояд. Ҳар ҷо ки зуҳд ба ишқ ғалаба кардааст, шоир тақвою парҳезгориро тарғиб менамояд ва ҷое ки ишқ боло гирифтааст, дари зуҳду ҳушёрӣ баста шудааст.

Баррасии тасвири дамидани субҳ, тулӯи офтоб, зуҳури фаслҳои сол, шукуфтану рӯиши нахлу набот, боғу гулистон, васфи ҷонвари зебо –асп

ва пайванди ин ҳама зебоиҳо бо ҳусни нозанинон, ки билкул таровидаи қалами Абулфазли Миколӣ мебошанд, дар тадқиқоти Холов Н.Ё. бисёр румузфаҳмона, ҳушмандона ва борикназарона сурат гирифтаанд.

Ҳамзамон, таҳқиқи мавзӯи дӯстиву муносибати бародарона, садоқату қадршиносии ҳамдигар, ҷавонмардиву саховат ва росткорӣ дар диссертатсия дар сатҳи матлуб анҷом пазируфта, унвонҷӯ аз дарунмояи ашъори шоир дӯстону мухотабони ӯро шинохтааст. Ташбеҳи бисёр аҷиб аст, ки Миколӣ шинохту идомаи дӯстиро ба ҷамъ овардани асал монанд кардааст, ки кори душвор, вале шаҳдбахш аст (саҳ.108).

Дар рисола тадқиқи мавзӯъҳои марсия, ҳаҷвиёт ва хамриёти эҷодиёти Абулфазли Миколӣ бо ҳамон равиши писандидаи илмӣ, ки аз он қаблан ёд кардем, ба субут расидааст.

Як ҷанбаи дигари таҳқиқот дар боби савум равиши корбасти саноеи шеърии ашъори Абулфазли Миколӣ мебошад. Аз таҳлилҳо равшан мешавад, ки воситаҳои тасвири калом, аз қабили ташбеҳ ва анвои он, тансиқ-ус-сифот ё сифатчинӣ, саволу ҷавоб, киноя, истиора, таҷоҳули ориф, тааҷҷуб, такрор, иқтибос, нидо, таҷнис ва анвои он аз пуркорбурдтарин санъатҳои бадеии ин суханвари тавоно будаанд. Дар таҳқиқот робитаи вазифавии санъати бадеӣ бо маънои шеър дуруст маънидод шудааст.

Дар фасли охирини рисола омӯзиши сабку услуби эҷоди Абулфазли Миколӣ хеле муфассал анҷом ёфтааст. Дар ин ҷо вобаста ба муҳтавои ашъори Абулфазли Миколӣ ва ҳунари тасвирофаринии ӯ масоилу аносири эҷоди сухан, амсоли эҷоз, таносуби калом, мухтасаргӯӣ, нуфузи сабки шоирони хуросонӣ, чистонгунагии шеър дар сабки баён, ашрофияти калом ва таъсири он дар сабки иншо, зуҳури аломату хусусиятҳои насри фаннӣ дар шеър ва дигар ҷанбаҳои шеваю услуби нигориш фарогиру ҳамаҷиҳата тадқиқ шудаанд.

Ҳамин гуна, унвонҷӯ муваффақ гардидааст, ки муҳити зиндагӣ, рӯзгору осор, мавзӯот, саноеи шеърӣ, сабки эҷод ва дигар ҷанбаҳои поэтикии ашъори Абулфазли Миколиро ба ваҷҳи аҳсан анҷом диҳад.

Дар маҷмӯъ, автореферат ва мақолаҳои чопшуда бо муҳтаво ва сохтори диссертатсия мувофиқат менамоянд.

Дар канори дастовардҳо дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқот хоҳад буд:

1. Яке аз масъалаҳои муҳим барои ҳар як диссертант дуруст майян кардани методологияи таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Диссертант дар қисмати усулҳои таҳқиқот аз усулҳои муқоисавӣ – таърихӣ ва оморӣ ёдовар шудааст. Бале, омор илми ҳисоб аст ва методи оморӣ таҳлили рақамҳост ва муайян кардани теъдоди адибон ва ё шумораи осори адиб дар рисола аз усули оморӣ далолат намекунад.

Тарафи дигари масъала дар он аст, ки дар илми адабиётшиносӣ усулҳои таҳқиқи биографӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ вуҷуд дорад. Диссертантро зарур аст, ба ҷои зикр намудани усули муқоисавӣ – таърихӣ ва оморӣ аз усулҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва таҳқиқи биографӣ ёдовар шавад.

2. Дар фасли аввали боби якуми рисола диссертант оид ба вазъи ҷуғрофии шаҳри Нишопур дар ҳаҷми шаш саҳифа маълумот додааст. Илова бар ин, дар рисола сухан бештар оид ба Нишопур рафтааст ва худи муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар рисола Хуросони бузург мавриди зикр қарор нагирифта, балки оид ба Хуросон ҳамчун як вилоят маълумот дода мешавад. Ҳамчунин бо назардошти номи диссертатсия хуб мешуд, номи фасл ба ҷои "Вазъи сиёсиву иҷтимоии Хуросон дар асрҳои X-XI" ба ҳайси "Вазъи ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Нишопур дар асрҳои X-XI" навишта мешуд.

3. Муҳаққиқ дар фасли якум дар саҳифаи 22 оид ба сафарҳои Бадеуззамони Ҳамадонӣ зикр карда, ҳар як шаҳрҳои саёҳатнамудаашро як ба як навиштааст, ки ба фикри мо зарурат надорад. Илова бар ин, дар фасли мазкур дар саҳифаи 25 диссертант аз ҷашнгирии идҳои Меҳргону Наврӯз бидуни далел қайд намудааст, ки арзиши илмӣ надорад.

Муҳаққиқ дар фасли мазкур аз сӯфиёни бузург низ ёдовар шудааст, вале доир ба тариқатҳои суфия ва ё мактабҳои фалсафӣ ягон маълумот оварда нашудааст.

4. Диссертант дар фасли дувуми боби якум бо истифода аз китоби "Ятимат-уд-даҳр"-и Саолабӣ доир ба рӯйхати як қатор адибон бидуни таҳлили маълумот дода, аз адибони мазкур ягон намуна ҳамчун мисол наовардааст.

Ҳамзамон, доираи адабии Нишопур ба аҳлу хонаводаи Оли Микол низ тааллуқ дорад, ки баъзе аз намояндагони онҳо дар фасли рисола бо номи "Саҳми Миколиён дар пешбурди шеъру адаб ва гиромидошти аҳли сухан" оварда шудааст. Фасли мазкур доир ба падари Абулфазли Миколӣ Аҳмади Абӯнаср ва Ҳасанаки Вазир маълумот дода шудааст, ки ба фикри мо якҷоя бо фасли дувум овардан ва таҳлили амиқ кардан беҳтар мешуд.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки фасли савум бо фасли дувум якҷоя карда шуда, мавриди таҳлили васеъ қарор гирад ва ба арзиши илмияти фасли мазкур пурзӯр намояд.

Ҳамчунин, дар фасли дувум сарчашмаҳои дигар ба монанди "Кашф-уз-зуннун", "ал-Феҳрист", "аз-Зариа", "Нафоис-ул-фунун" ва ғайра низ бояд истифода карда мешуд, зеро барои муаррифии илмии як доираи ва ё ҳавзаи адабӣ бояд сарчашмаҳои бисёр истифода карда шавад.

5. Диссертант номи фасли дувуми боби дувумро "Осори мансуру манзуми адабӣ ва бадеӣ" номгузорӣ кардааст. Дар ин ҳолат саволе ба миён меояд, ки оё осори мансур ва алалхусус асарҳои манзум ғайри адабӣ шуда метавонанд? Илова бар ин, дар номгузории фасли мазкур истилоҳи "бадеӣ" зикр шудааст, вале дар рафти таҳқиқ бадеияти осор аз ҷониби муҳаққиқ тамоман нишон дода нашудааст.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки номи дар фасли мазкур калимаҳои адабӣ ва бадеӣ истифода нашуда, баҷояш дар шакли "Осори манзуму мансури Абулфазли Миколӣ" номгузорӣ карда шавад.

6. Бо таваҷҷуҳ ба масоили фавқуззикр пешниҳод менамоем, ки бобҳои якум ва дувум якҷоя карда шуда, номи боби якум бетағйир бимонад ва номи фасли савуми боби мазкур “Зиндагинома ва осори мансуру манзуми Аблуфазли Миколӣ” номгузорӣ карда шуда, дар чаҳорчӯбаи он ду фасл якҷоя карда шуда, маврид таҳлилу таҳқиқ гирад.

Ба ҳамаи камбудиҳо нигоҳ накарда, диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович ба талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии мазкур мебошад.

**Муқаррizи расмӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти Донишкадаи иқтисод**
**ва савдои Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон**
**дар шаҳри Хуҷанд**

**Камолов Фаррухҷон Абдуқодирович**

**Имзои Камолов Ф.А.-ро тасдиқ менамоям.**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Маҳмудов Ш.У.**

**Суроға: 735700,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Ху□анд, хиёбони**
**Исмоили Сомонӣ 169.**
**E-mail: foteh122010@gmail.com**
**23.08.2021**